**Тақризи**

**мукарризи расмӣ ба дисертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст**

**Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ**

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил буд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард. Яке аз самтҳои муҳимми таҳкими давлати соҳибистиқлол - ташаккул додани худшиносии миллӣ, ба таври маҷмӯӣ ва амиқ омӯхтани таърих ва фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёфт. Бо дарназардошти ин, зарурияти омӯзиши таъриху фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳои касбӣ ва халқӣ низ ба миён омад.

Ба ақидаи унвонҷӯ, ҳарчанд раванди ташаккул ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ ба замони Шуравӣ рост меояд, вале зарурияти омӯзишу баррасии муттасилу мақсадноки таъриху фаъолияти театрҳои касбӣ баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ба миён омад. Бинобар ин, дастрас гардидани маъхазу сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ ва баррасии онҳо аз нигоҳи воқеияти замон таваҷҷуҳи унвонҷӯро ба таҳқиқоти маҷмӯии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намудааст.

Мавриди зикр аст, ки даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фоҷиавӣ ба анҷом расид. Дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид, ки ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳои касбӣ таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷаи

муқовимати мусаллаҳона ҳолати театрҳои касбӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Театрҳои касбӣ ва мардумӣ аз фаъолият бозмонда, молу мулки онҳо ба яғмо рафтанд. Вайрон гардидани биноҳо, бад шудани ҳолати маблағгузорӣ ва норасоии мутахассисони соҳа ба муваққатан аз фаъолият бозмондани аксарияти театрҳои касбӣ оварда расонид. Дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар вилояти Хатлон норасоии мутахассисони соҳаи фарҳанг аз рӯйи баъзе ихтисосҳо афзоиш ёфт. Гузашта аз ин, маҳз дар ҳамин давра робитаҳои фарҳангии байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ канда шуданд, ки дар натиҷа пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳангӣ хароб гардиданд.

Хушбахтона, аз ибтидои асри XXI дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳалаи нав – марҳалаи рушд оғоз гардид. Соҳаи фарҳанг низ дар радифи ниҳодҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ инкишофу пешрафт намуда, театрҳои касбӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон тармим ва азнавсозӣ гардиданд. Илова бар ин, театрҳо ва даҳҳо дастаҳои ҳунарии нав сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бояд қайд кард, ки театрҳои касбӣ ҳамчун донишкадаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, дар ташаккулёбии афкори ҷомеа, устувор гаштани истиқлолият ва ваҳдати миллии халқи тоҷик нақши асосиро мебозад. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар он аст, ки фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021 то кунун ҳамчун пажӯҳиши мукаммали таърихӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифта буд ва рисолаи таҳқиқотии мазкур кӯшиши аввалин дар ин самт маҳсуб меёбад.

**Навоварии илмии таҳқиқот**

**ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ба таври монографӣ фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ба муайян намудани аҳамият ва нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми минтақа кӯшиш ба харҷ

додааст. Дар баробари ин дар асоси манбаъ, сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои фаровони таърихӣ фаъолияти ин муассисаҳо ба доираи таҳлили илмӣ фаро гирифта шуда, маводҳои бойгонии ВФЧТ, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоб ва бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақа ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд. Гузашта аз ин, ба фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар раванди ҷанги шаҳрвандӣ баҳои воқеӣ дода шуда, вазъи муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи таҳқиқотӣ объективона арзёбӣ гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносон, намояндагони барҷастаи соҳаи санъат ва фарҳанги вилоят ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Гузашта аз ин, таҳқиқоти мазкур дар натиҷаи истифодаи усулҳои муайяни илмӣ амалӣ гардидааст. Чунончӣ, истифодаи меъёрҳои илмии объективияти таърихӣ, инчунин таҳлили маҷмӯӣ, систематикӣ ва муқоисавӣ барои муайян намудани воқеияти солҳои аввали истиқлолият, барои нишон додани зуҳуроти манфӣ, мушкилот ва дурнамои рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанги давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон шароити методологӣ ва маърифатӣ фароҳам овардаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ - назариявӣ ва амалӣ буда, мазмун ва муҳтавои назариявии рисола, бахусус, дастовардҳои фарҳангиро ҳамчун натиҷаи асосии ҷараёни ислоҳоти иҷтимоӣ – фарҳангии аввали асри XXI, минбаъд метавон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷики замони соҳибистиқлолӣ истифода намуд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи қисматҳои таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият,

барои тайёр намудани китобҳо, дастурҳои таълимӣ ва курсҳои махсус аз рӯйи ихтисосҳои фарҳанг ва санъат дар муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо мақсади беҳтар намудан ва ба талаботи замони нав ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, ҳангоми коркарди масъалаҳо ва таҳия намудани сохтор ва самтҳои фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо истифода кард.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти фарҳангии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки дар боби аввал - **"Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол"** муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи маводи бойгониҳои ҷорӣ ва таълифоти мавҷуда ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар замони Шуравӣ ва ҳолати онҳоро дар солҳои аввали даврони истиқлол баррасӣ намояд. Зимни баррасии ин масоил муаллиф қайд менамояд, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ театрҳои касбӣ вайрону валангор гаштанд, театрҳои мардумӣ аз фаъолият бозмонда, молу мулки муассисаҳои фарҳангӣ ба яғмо рафтанд.

**Дар зербоби аввал – “Аз таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ”** масоили ташаккулёбии театрҳои касбӣ дар вилояти Хатлон дар замони барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ инъикос гардидааст. Зимни баррасии он унвонҷӯ қайд менамояд, ки дар вилояти Хатлон аввалин маҳфилҳои ҳаваскорони бадеӣ солҳои 30-юми асри XX таъсис ёфтаанд. Маҳфилҳои худфаъолиятии бадеӣ дар марказҳои ноҳияҳо бо ёрии омӯзгорон, коркунони ташкилотҳо, мардумони пешқадами деҳот ва ҳаваскорони халқӣ алалхусус масхарабозҳо ташкил ёфта буданд. Репертуари маҳфилҳо аз суруду таронаҳои халқӣ, рақсҳои халқӣ бо баромади асбобҳои миллӣ иборат буд. Ҳукумат ба маърифатнокии оммаи меҳнаткашон диққати махсус медод.

**Дар зербоби дуюми боби аввал – “Вазъи театрҳои касбии вилоят дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** масоили вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вазъи театрҳои касбӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Маблағгузорӣ нашудани муассисаҳои фарҳангӣ, вайрону валангор гаштани иморатҳо, рафтани мутахассисон аз соҳаи фарҳанг ба он оварда расонид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан вилояти Хатлон аксари муассисаҳои фарҳангӣ аз фаъолият бозмонданд. Унвонҷӯ дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда ва маълумоти бойгониҳои ҷорӣ тавонистааст, ки фаъолияти театрҳои вилоятро дар даҳсолаи аввали даврони истиқлол таҳлили муқоисавӣ намуда, таносуби онҳоро дар соли 2000-ум муайян намояд.

**Зербоби сеюми боби аввал – “Саҳми Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии театрҳои касбӣ”** ба тадқиқ ва таҳлили саҳми Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии театрҳои касбии вилоят бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ ва маводҳои бойгонӣ

ба хулосае омадааст, ки баъди қабули Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №501 аз 30 декабри соли 2005 тасдиқ шудааст, вазъияти фарҳангӣ дар кишвар то андозае беҳтар гардидааст. Тадриҷан, раҳоӣ аз бӯҳрони иқтисодӣ, устуворгардии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳамкории васеи ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ сабаби густариши дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг, бахусус дар соҳаи санъати театрӣ низ гардиданд.

Дар боби дуюми диссертатсия – **“Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят”**, ки аз се зербоб таркиб ёфтааст, саҳми мақомотҳо дар ташкилёбӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ, иштироки театрҳо дар озмунҳо ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи санъати театрӣ инъикоси худро ёфтааст.

**Дар зербоби якуми боби дуюм – “Сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ”** масоили сиёсати фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки яке аз масоили асосии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг – ин таъмини фаъолияти мунтазам ва инкишоф додани бахшҳои умдаи соҳаи фарҳанг, аз ҷумла масъалаи тарбияи кадрҳо ва асосмандии заминаи моддӣ – техникии муасиссаҳои фарҳангӣ мебошад. Дар ин зербоб саҳми мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои барқарорсозӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангии вилоят ҳаматарафа таҳлил гардидааст. Муаллиф дар баробари муваффақиятҳои театрҳои касбии вилоят, инчунин баъзе мушкилот ва норасиҳоеро, ки ба фаъолияти мунтазами театрҳо монеа эҷод менамоянд, муайян намуда, зикр менамояд, ки ин омилҳо метавонанд дар инкишофи минбаъдаи фаъолияти театрҳои мазкур заминаҳои номусоидро пеш оваранд. Аз ин рӯ, унвонҷӯ зарурати дар сатҳи давлатӣ ҳал намудани ин мушкилотро таъкид менамояд.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – “Рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ”** масоили рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилоят дар ибтидои асри XXI мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ самтҳои асосии фаъолияти театрҳои касбӣ, омӯзиши таърихи ташкилёбӣ ва рушди онҳоро, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири тоҷик аст, таҳлил намудааст. Дар зербоби мазкур оид ба фаъолияти пурсамари театрҳои касбии вилоят дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он маълумоти зиёд оварда шудааст. Диссертант дар ин хусус қайд менамояд, ки бо ташкили давлати соҳибистиқлол сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш ва кумаку дастгириҳои ҳамешагии давлату ҳукумат, рушди ин соҳа зина ба зина беҳтар гардид. Муассисаҳои номбурда ҳоҷату хостаҳои фарҳангии сокинонро ба тадриҷ таъмин намуда, фазои фарҳангӣ ва ҳунари миллии кишвари моро пурра дар дохил ва дар арсаи байналмиллӣ муаррифӣ менамоянд. Ҳамзамон, боиси хушнудист, ки бо мақсади рушди санъати театрӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа соли 2003 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавӣ таъсис дода шуд. Бо вуҷуди ин муваффақиятҳо, муҳаққиқ дар ин зербоб ба хулосае меояд, ки ҳанӯз ҳам дар фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ин пеш аз ҳама, ба мушкилоти молиявӣ ниёз доштани онҳост.

Зербоби сеюми боби дуюм – **“Иштироки театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ”** ба тадқиқи масоили ширкати театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бахшида шудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки баргузории ҷашну ҷашнвораҳо, барномаҳои пурмуҳтавои фарҳангию чорабиниҳои таърихӣ ва фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ яке аз рукнҳои сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола баргузор мегарданд ва

барои ҳамчун кишвари соҳибтамаддуни ориёӣ шинохта шудани Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот.**

Дар иртибот ба эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунад:

1.Зимни таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ дар зербоби аввал муаллиф баъзан аз доираи хронологии таҳқиқот берун рафтааст.

2.Дар раванди таҳқиқот маводи матбуоти даврӣ камтар истифода гардидааст. Истифодаи чунин мавод имкон медод, ки андешаҳои баъзе таҳлигарон дар иртибот ба вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

3. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

Аммо дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасоиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида.**

Диссертатсияи унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" кори таҳқиқотии мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзуъ таҳлилу баррасӣ шуда, хулосаҳои илмии асоснок бароварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда дар сатҳи баланди назариявӣ баён гардида, аҳаммияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва

мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амроев Умедҷон Мамадхонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, Сардори шуъбаи иттилооти Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи "Ҷумҳурият"** **Таваров Муҳамадулло Султонович**

**Суроға:** 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Тел.: 992934513816. E – mail: mtabari@mail.ru

**Имзои номзади илмҳои таърих М.С. Таваровро тасдиқ мекунам:**
**Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои рӯзномаи "Ҷумҳурият"** **Б. Раҳмоншоева**

22.05.24с.